*УДК 94 (100)*
*DOI 10.24412/3005-849X-2025-3-39-47*

### *ҶАШНҲО ВА МАРОСИМҲОИ МИЛЛИВУ ДАВЛАТӢ ДАР МАРҲИЛАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН*

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,*** *н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров"*; ***Шарипов Муҳаммад Маруфович,*** *н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

### *ПРАЗДНИКИ И ГОСУДАРСТВЕННО-НАЦИОНАЛЬНЫЕ ТОРЖЕСТВА ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА*

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,*** *канд.истор.наук, доцент кафедры истории таджикского народа ГОУ "ХГУ им. Б. Гафурова"*; ***Шарипов Мухаммад Маруфович,*** *канд.истор.наук, доцент кафедры истории таджикского народа ГОУ "ХГУ им. Б. Гафурова"(Худжанд, Таджикистан)*

### *HOLIDAYS AND STATE-NATIONAL CELEBRATIONS OF THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN*

***Isamitdinov Jorabek Bobobekovich,*** *candidate of History, associate professor of the department of history of the Tajik people under the SEI "KhSU named after academician B. Gafurov"*; ***Sharipov Muhammad Marufovich,*** *candidate of History, associate professor of the department of history of the Tajik people under the SEI "KhSU named after academician B. Gafurov" (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *istoriya_tj@mail.ru*

*Таҳлили таърихӣ ва мундариҷавии ҷашну маросимҳои миллӣ, давлатӣ, мазҳабӣ ва хонаводагӣ дар Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ ба анҷом расонида шудааст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ се равиш мушоҳида мешавад: эҳёи суннатҳои қадимӣ, ворид намудани мазмуни нав ба ҷашнҳои замони Шуравӣ ва пайдоиши ҷашну маросимҳои нав. Зикр шудааст, ки Наврӯз ва ҷашнҳои давлатӣ бо ташаббус ва сиёсати фарҳангии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таҷлил гардида, мақоми хоса пайдо кардаанд. Ҷашнҳои Меҳргон, Сада ва Тиргон мавриди таҳлил қарор гирифта, аҳаммияти таърихӣ ва фарҳангии ин ҷашнҳо, нақши онҳо дар тарбияи маънавӣ ва ташаккули ватандӯстӣ ва таҳкими ваҳдат нишон дода шудааст. Таъкид шудааст, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ бархе аз ҷашнҳои бегонаи даврони шуравӣ аз байн рафта, ҷашнҳои нав, ки бо соҳибистиқлолии кишвар пайванди қавӣ доранд, ба вуҷуд омадаанд*

***Калидвожаҳо:*** *ҷашнҳои миллӣ; ҷашнҳои давлатӣ; маросимҳои мазҳабӣ; маросимҳои хонаводагӣ; Наврӯз; Меҳргон, Сада, Тиргон*

*Предложен историко-содержательный анализ национальных, государственных, религиозных и семейных праздников и обрядов в Таджикистане периода независимости. Отмечено, что в данный период в праздниках наблюдаются три основных направления: возрождение древних традиций, введение новых элементов в праздники советского периода и возникновение новых праздников, характерных для периода независимости. Отмечается, что Навруз и государственные праздники, инициированные и поддерживаемые культурной политикой Лидера нации Эмомали Рахмона, приобрели особый статус. Возрождены праздники Мехрган, Сада и Тирган. Анализируется историческое и культурное значение праздников и их роль в духовном воспитании, формировании патриотизма и укреплении*

*народного единства. Подчеркивается, что в период независимости исчезли некоторые праздники советского периода, чуждые таджикам, и появились новые праздники, тесно связанные с независимостью страны.*

***Ключевые слова:*** *национальные праздники; государственные праздники; религиозные обряды; семейные обряды; Навруз; Мехрган, Сада, Тирган*

*The article offers a historical and substantive analysis of national, state, religious and family holidays and rituals in Tajikistan during the period of independence. It is noted that during this period, three main trends are observed in the holidays: the revival of ancient traditions, the introduction of new elements into the holidays of the Soviet period, and the emergence of new holidays characteristic of the period of independence. It is noted that Navruz and state holidays initiated and supported by the cultural policy of the Leader of the Nation Emomali Rahmon have acquired a special status. The Mehrgan, Sada, and Tirgan holidays have been revived. The historical and cultural significance of these holidays and their role in spiritual education, fostering patriotism, and strengthening national unity are analyzed. It is emphasized that during the period of independence, some holidays from the Soviet period, alien to Tajiks, disappeared, and new holidays closely associated with the country's independence appeared.*

***Key-words:*** *national holidays; state holidays; religious rituals; family rituals; Navruz; Mehrgan, Sada, Tirgan*

**Оғоз.** Расму оинҳо ва ҷашну маросимҳои миллӣ дар таърихи миллати тоҷик аз замонҳои қадим ва марҳалаҳои аввали тафаккури сайёрапарастӣ мавҷудият дошта, дар давраҳои гуногуни таърихӣ шакл ва мазмуни худро тағйир додаанд. Ин равандҳо бо омезиш ёфтани унсурҳои фарҳангӣ ва тамаддунҳои мухталиф ба ташаккули маросимҳо ва ҷашнвораҳои мустақили миллӣ ё мазҳабӣ оварда расонидаанд. Қисми дигаре аз ҷашнҳо, бар асоси таҳаввулоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, мазмун ва шакли худро иваз кардаанд ва, ҳатто, бархе аз онҳо то имрӯз танҳо аз тариқи номашон боқӣ мондаанд.

**Тавсифи мухтасари омӯзиши масъала**. Тадқиқоти олимон дар заминаи мардушиносӣ ва сайри таърихии ҷашну маросимҳои миллӣ нишон медиҳад, ки миллати тоҷик дорои шумораи беназир ва фаровони чунин маросимҳо мебошад. Воқеан, ин на танҳо нишондиҳандаи соҳибтамаддунии халқи тоҷик аст, балки тавассути таҳаввулоти таърихӣ ва бархӯрд бо тамаддунҳои дигар равобити фарҳангии миллати тоҷикро равшан менамояд. Яъне, агар асоси пайдоиши ҷашну маросимҳои миллӣ сарчашмаи қадимаи фарҳанги тоҷикон ва анъанаҳои оинии онҳо бошад, бархӯрд бо тамаддунҳои беруна низ барои эҷоди унсурҳои нави фарҳангӣ замина фароҳам овардааст.

Дар марҳилаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҷараёни эҳё ва зуҳури ҷашну маросимҳо ба сурати нав оғоз ёфта, рушди он самти тозаеро касб кардааст, ки таҳлили таърихӣ ва фарҳангӣ ҷиддиро тақозо мекунад. Сайри таърихии ташаккули ҷашну маросимҳо, бархӯрдҳои сиёсӣ ва эҳёи қисмате аз онҳо дар шакли нав, инчунин пайдоиши ҷашнҳои нав, ки ба тақозои замон ва сиёсати фарҳангии давлат вобастаанд, аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад.

Баррасии илмию таҳқиқии пайдоиш ва ташаккули расму оинҳо ва ҷашну маросимҳо дар шароити кунунӣ аз ду ҷиҳат муҳим аст. Аввалан, таҳлили сиёсати фарҳангии давлат, ки ба эҳёи суннатҳои қадимӣ ва маросимҳои миллӣ такя мекунад, асолати таърихии ин падидаҳоро муайян намуда, мақому манзалати онҳоро дар таърихи мардуми тоҷик равшан менамояд. Сониян, омилҳои тарбиявӣ ва мутобиқсозии ҷашнҳо ба шароити замони муосир имконият медиҳанд, ки онҳо ҳамчун унсури муҳим дар тарбияи маънавӣ ва зебоишиносии ҷомеа амал кунанд.

Масъалаи мазкур инъикоси худро дар асари Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ёфтааст [7;8]. Инчунин як қатор муаррихону муҳаққиқон низ масъалаи мазкурро риштаи таҳқиқ кашиданд [9;10;11;12].

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии мақола равшанӣ андохтан ба ҷашнҳо ва маросимҳои милливу давлатӣ дар марҳилаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин муаллифон кӯшиш намудаанд, то доир ба эҳёи ҷашнҳои миллии ниёгон Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон низ равшанӣ андозанд.

**Методҳои таҳқиқот. Дар мақола** роҳу василаҳое, ки хоси таҳқиқоти таърихӣ ва таърихнигорӣ мебошанд, аз ҷумла методҳои таърихӣ-хронологӣ, таърихӣ-муқоисавӣ истифода бурда шудаанд.

Меъёрҳои интихоби адабиёт. Адабиёт бо назардошти аҳаммияти ҳуқуқӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии онҳо интихоб шудаанд. Муаллифон ва манбаъҳои расмӣ, ки дар таҳқиқи масъалаҳои миллӣ ва давлатӣ саҳм доранд, ҳамчун асосӣ ба ҳисоб рафтаанд. Ҳамчунин, истифодаи сарчашмаҳои интернетӣ ва байналмилалӣ ба мукаммал гардидани таҳлил мусоидат кардааст.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ се хусусияти асосӣ аз нигоҳи таҷлили ҷашну маросимҳо мушоҳида мешавад. Аввалан, эҳёи суннатҳои қадима ва ҷашнҳои миллии ниёгон, ки дар даврони Шуравӣ манъ шуда буданд, ба тақвими ҷашнвораҳои давлатӣ ворид гардид. Намунаи барҷастаи ин раванд таҷлили Наврӯз, Меҳргон, Сада ва ҷашнҳои динии Рамазон ва Қурбон мебошад. Дувум, ба ҷашнҳои мавҷудаи замони Шуравӣ мазмуну хусусиятҳои нав ворид гардид, мисоли равшани он таҷлили Рӯзи бонувон аст, ки бо Фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2009 ҳамчун Рӯзи Модар ҷашн гирифта мешавад. Севум, пайдоиши ҷашну маросимҳои нав, ки хоси давраи соҳибистиқлолии кишвар мебошанд. Аз ҷумла Рӯзи Истиқлолият (9 сентябр) ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ (27 июн). Ҳамзамон, таҷлили шахсиятҳои муаззам ва эълони солҳо ба номи онҳо ҳамчун ҷашнвораҳои нави миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ ба анъанаи давлатдорӣ ва сиёсати фарҳангии Тоҷикистон ворид шуд. Намунаҳо: соли 1999 — 1100 - солагии давлатдории Сомониён, соли 2003 — Соли оби тоза, соли 2006 — Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, соли 2007 — Соли бузургдошти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, соли 2008 — таҷлили 1150 - солагии устод Рӯдакӣ ва бузурдошти забони тоҷикӣ, соли 2009 — бузургдошти Имоми Аъзам.

Моҳияти сиёсиву фарҳангии ҷашну маросимҳо дар сарнавишти миллати тоҷик то ҳол ба таври ҳамаҷониба омӯхта нашудааст. Хусусан, нақши даврони соҳибистиқлолӣ ва сиёсати фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи суннатҳои қадима, ташаккули шаклҳои нави ҷашнвораҳо ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ҳанӯз ба таври илмӣ таҳлил нашудааст. Таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти давлат ба ин масъала тақозо мекунад, ки бо назари илмӣ сайри таърихии ташаккули ҷашну маросимҳо ва нақши онҳо дар тарбияи маънавии ҷомеаи муосир омӯхта шавад.

Бо ҳадафи фаҳмидани заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва такмили ҷашнвораҳои миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ, ҳар як ҷашн дар доираи таҳқиқ ҷудогона баррасӣ мегардад. Аз нигоҳи мазмун ва доираи фарогирии аҳолӣ, ҷашну маросимҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда мешаванд:

- Ҷашну маросимҳои миллӣ
- Ҷашнҳои давлатӣ
- Ҷашну маросимҳои мазҳабӣ
- Ҷашну маросимҳои хонаводагӣ

Ба гурӯҳи ҷашнҳои миллӣ, пеш аз ҳама, Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, маросимҳои ҷуфтбаророн, пухтани суманак ва дигар маросимҳои анъанавӣ дохил мешаванд. Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегардад ва ҳамчун ҷашни умуммиллӣ мавқеи беназир касб намудааст. Ин ҷашн аз нав ба ҳаёти ҷомеа ворид шуда, дар ҷомеаи муосир ҷойгоҳи хоса пайдо кардааст. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010, № 611, Наврӯз дар давраи 21-24 март таҷлил гардида, ин рӯзҳо истироҳат эълон шудаанд [2].

Наврӯз на танҳо мавқеи миллӣ касб кард, балки ба арсаи байналмилалӣ низ роҳ ёфт. Аз ҷумла, 30 сентябри соли 2009, Наврӯз ба феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид [5] ва соли 2010 аз ҷониби СММ ҳамчун ҷашни байналмилалӣ пазируфта шуд. Ин рӯйдодҳо шаҳодати эътирофи ҷаҳонии арзиши фарҳангӣ ва таърихии ҷашнҳои миллии тоҷикон мебошанд.

Дар баробари Наврӯз инчунин дигар ҷашнҳои ниёгон дар замони истиқлоли давлатӣ эҳё гардиданд. Ҷашни Меҳргон яке аз ҷашнҳои қадимаи мардуми ориёнажод буда, дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ пайдоиши он ба шоҳаншоҳҳои давраи асотирӣ ва пешдодӣ дар робита бо пайдошавӣ ва рушду нумуи кишоварзӣ ва барқароркунии тақвими кишоварзӣ нисбат дода мешавад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ Меҳргон ба монанди идҳои Сада ва Наврӯз дар байни гузаштагони мо маълум ва машҳур буд. Дар манобеи хаттӣ оид ба ҷашни мазкур маълумоти зиёд оварда шудааст.

Иди Меҳргон аз давраҳои қадим ҳамчун иди ҷамъоварии ҳосилот қайд карда мешуд. Аз рӯи ҳисоби тақвими офтобии ориёиҳои қадим моҳи ҳафтуми сол, ки Меҳр – Офтоб номида мешуд ва тақрибан аз 22-юми сентябр то 22-юми октябр давом мекард. Калимаи «меҳр» ба маънои рушноӣ, дӯстӣ, муҳаббат ва гармӣ омада, дар ин рӯз кишоварзон ба ҷамъоварии ҳосил сар мекарданд. Ин идро гузаштагони мо, ба монанди Иди Наврӯз ботантана ҷашн гирифта, дар ин рӯз хонаҳо ва ҳавлиҳоро тоза ва либоси идонаро ба бар мекарданд, дастурхони идонаро аз маҳсулоти навҷамъовардашуда меоростанд. Инчунин, дар ҷашни Меҳргон сайругашти оммавӣ ташкил карда шуда, ҳар як нафар ба назди хешу табор ва дӯстон ба меҳмонӣ рафта, ба ҳамдигар туҳфаҳо тақдим намуда, саломатӣ, хушбахтӣ ва осудагиро хоҳон мешуданд [10]. Хушбахтона ҷашни мазкур 4 декабри соли 2023 ба феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид [11].

Сада низ ҳамчун яке аз ҷашнҳои бостонии тоҷикон аз ҷумлаи ҳамин ойинҳои эҳёшудаи мо буда, дар ҳамаи манотиқи кишвар таҷлил карда мешавад. Ниёгони мо панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯзро то ҷашни Наврӯз ҳисоб карда, Садаро таҷлил мекарданд. Яъне Сада ҷашни омодагӣ ба Наврӯз буда, ин ду ҷашни қадима бо ҳам наздик мебошад. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ сабаби Сада номгузорӣ шудани ин ҷашн низ дар ҳамин аст. Калимаи «сада» мутааллиқ ба шумораи «сад» (100) асоси вожаи «садак»-и форсии паҳлавӣ буда, аз ҷониби тоҷикони Хуросони Бузург дар давраи қадим, хоса замони ҳукмронии империяҳои Портиён ва Сосониён (аз асри III пеш аз мелод то миёнаи асри VII баъди мелод) муддати беш аз ду ҳазор сол то солҳои 30-юми асри XX  ҳамчун номи ҷашни зардуштиён (муғон) ва сонитар мусалмонон созмон ёфта буд. Одатан ҷашни «сада» шабу рӯзи 10 –уми баҳманмоҳи эрониён (тоҷикон) мутобиқи 30-январи солшумории мелодӣ, яъне баъди сад рӯзи оғози фасли сармо аз 22 октябр то 30 январ барпо мегардид. Расо баъди панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб, ҷамъ 100 шабонарӯз ҷашни Наврӯз фаро мерасид. Бино бар ҳисоби мунаҷҷимони (астрологҳои) зардуштӣ вожаи «сада» инчунин фосилаи сад рӯз баъди ҷашни Садаро аз 31 январ то 10 май низ ифода мекард. Зеро дар миёнаи моҳи май навъҳои пешпазаки ғалла-гандум ва ҷави чиллагӣ пухта мерасиданд. Мувофиқи ривоят дар муддати зикршудаи сада адади фарзандони

Каюмарс – асосгузори тамаддуни тоҷикон, ки ба одамони ғорнишин, бинокорӣ, либоспӯшӣ, таомпазиро омӯзонидаанд, ба сад нафар расидааст. Яъне дар фурсати ҷашнгирии «Сада» ҷамоаи саднафараи авлоди эрониёни (тоҷикони) бостон ташаккул ёфтааст. Ба ҷашни мазкур низ замони соҳибистиқлолии кишварамон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, 6 декабри соли 2023 ба феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид.

Ҷашни Тиргон дар қатори дигар ҷашнҳои бузурги миллии мо ҷойгоҳи хоссае дошт ва имрӯз ҳам дорад. Тавре гуфта шудааст, ин ҷашн дар рӯзи 13-уми тирмоҳ, ки онро дар солшумории порсӣ “тиррӯз” меноманд, баргузор мешавад. Вале қайд гардидааст, ки дар муқоиса бо Наврӯзу Меҳргон дар борам Тиргон маълумот кам мавҷуд аст, пас аз асрҳои XIV-XV бошад, роҷеъ ба баргузории ҷашни мазкур дар китобҳои таърихию адабӣ хабаре оварда нашудааст.

Агар ҷашни Сада марбут ба зимистон бошад, Наврӯз иди баҳорӣ ва Меҳргон дар тирамоҳ ҷашн гирифта шавад, пас, Тиргон ҷашни тобистонаи мардумони орёӣ аст, ки мутобиқи тақвими григорианӣ рӯзи баргузориашро 1 июл ҳисобидаанд. Дар солшумории ниёгони мо рӯзҳову моҳҳо номҳои худро доштанд ва як қатор ҷашнҳои зиёде низ доштем.

Бо назардошти таъкиди роҳбарияти давлат ва таваҷҷуҳи афзояндаи муҳаққиқон, Тиргон метавонад ба як ҷашни расмии фарҳангии миллӣ табдил ёбад, ки ҳар сол дар сатҳи маҳаллӣ ва давлатӣ таҷлил гардад. Бо ин роҳ мо на танҳо як анъанаи зебои гузаштагонро зинда мекунем, балки ба наслҳои оянда воситаи худшиносӣ, ватанпарасӣ ва меҳри пок ба фарҳанг мерос мегузорем. Тиргон метавонад ба рамзи нави як миллати зебоиандеш табдил ёбад [12].

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ин идҳо дубора эҳё гардида, бо муқаррар намудани рӯзҳои истироҳат ва эълони онҳо ҳамчун ҷашнҳои расмӣ мақоми хоса пайдо карданд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, дар паёми табрикии худ бахшида ба таҷлили Иди Рамазон соли 2009 чунин фармудаанд: «Имрӯз аз баракати истиқлолияти давлатӣ мардуми кишварамон дар баробари дигар ҳуқуқу озодиҳо аз озодии эътиқоди динӣ низ пурра баҳравар буда, дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо идҳои муборакм Рамазон ва Қурбон дар радифи ҷашнҳои бузурги милливу давлатиамон – Рӯзи истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, Рӯзи Конститутсияи мамлакат ва Наврӯз таҷлил карда мешаванд» [4].

Ин ҳамзамон шаҳодати омезиши фарҳанги миллӣ бо арзишҳои исломӣ мебошад. Таҳаввули илму ҳикмат, фалсафа ва адабиёт дар тӯли асрҳо бо арзишҳои исломӣ ҳамзистӣ карда, якдигарро сайқал дода ва ғанӣ намудааст. Аз ин ҷиҳат, мусулмонони Тоҷикистон пайравони ақидаи муътадил буда, ислом барои онҳо воситаи таҳкими маънавият, тарбияи ахлоқи ҳамида ва қонеъ гардонидани ниёзҳои рӯҳонӣ мебошад. Ниёгони хирадманди мо низ бо андеша ва осори ҷовидонаи худ дар рушди дини мубини ислом ва ваҳдати мусулмонон саҳми арзанда гузоштаанд [4].

Ба гурӯҳи ҷашнвораҳои хонаводагӣ низ гаҳворабандон, хатнасур, тӯи арӯсӣ, домодталабон ва маросимҳои марбут ба тӯи арӯсӣ дохил мешаванд. Ин ҷашнвораҳо ҳамчун анъанаҳои фарҳангии мардум нақши тарбиявӣ ва иҷтимоӣ доранд.

Марҳилаи соҳибистиқлолӣ бо худ тағйироти куллӣ дар низоми давлатдорӣ ва ҳаёти сиёсӣ овард, ки ба эҷоди ҷашну маросимҳои нави давлатӣ сабаб гардид. Ҷашнҳои нави тақвимии давлатӣ инҳоянд:

23 феврал — Рӯзи Артиши миллӣ
8 март — Рӯзи модар
9 май — Рӯзи Ғалаба
27 июн — Рӯзи Ваҳдати миллӣ
1 сентябр — Рӯзи дониш
9 сентябр — Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон

19 сентябр — Рӯзи Рӯдакӣ
6 ноябр — Рӯзи қабули Конститутсия
24 ноябр — Рӯзи Парчами миллӣ

Қисмате аз ин рӯзҳо ба ҷашнвораҳои давлатӣ дохил мешаванд, аз ҷумла Рӯзи ваҳдати миллӣ ва Рӯзи истиқлолият, ки ба эътирофи Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ рабт доранд. Таҷлили солонаи Рӯзи Истиқлол барои ҳар шаҳрванди Тоҷикистон ҷашни муқаддас ва рамзи ифтихори миллӣ мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барномаҳои муҳимми сиёсиву иқтисодӣ амалӣ шуданд, ки дар онҳо истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва рушди саноат ҳамчун ҳадафҳои стратегӣ муайян гардиданд. Ин раванд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон на танҳо истиқлолияти сиёсии худро мустаҳкам кард, балки дар бахши иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ қадамҳои устувор гузошт.

Ба талаботи ҷомеа таҷлили ҷашнвораҳои нав, ки аз сиёсати давлат маншаъ мегиранд, ба вуҷуд омад. Аз ҷумла, Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, ки бо пешниҳоди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1998 таҷлил мегардад, маҳсули сиёсати давлатии ҷавонон ба шумор меравад. Ҷойгоҳи ҷавонон дар сиёсати давлати Тоҷикистон муҳим аст, зеро Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо ҷавонон соли 1998 чунин таъкид доштанд: «Мо бояд сиёсати давлатии ҷавононро дар қатори масъалаҳои стратегии давлатӣ гузорем, зеро омили ҷавонон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон мақоми ҳалкунанда дошта, тақдири ниҳоии раванди мазкур аз бисёр ҷиҳатҳо ба ин қувваи бузург сахт алоқаманд аст» [1, с.50].

Бо ҳамин сиёсат ва татбиқи қонун, Рӯзи ҷавонон ба тақвими миллии Тоҷикистон ҳамчун иди давлатӣ ворид шуд ва ҳамасола санаи 23 май таҷлил мегардад. Тӯли солҳои охир дар доираи ин ҷашн чорабиниҳои гуногун, аз қабили роҳпаймоӣ, озмун-фестивалҳо, намоишҳои консертӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ баргузор мешаванд [6, с.64–65].

Дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ҷашнӣ», ки санаи 3 ноябри соли 1995 таҳти рақами 98 тасдиқ шудааст, ва тибқи Низомнома «Доир ба Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар рӯзҳои ҷашнӣ бо ташаббуси мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаҳои меҳнатӣ чорабиниҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ баргузор карда мешаванд [2]. Аз соли 2009 инҷониб, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 ноябр ҳамчун Рӯзи Парчам таҷлил мегардад. Ин ҷашн бо мақсади арҷгузорӣ ва эҳтироми рамзи давлатӣ ташкил ва таҷлил карда мешавад [10].

Дар самти таҷлили рӯзҳои касбӣ ва анъанавӣ, ки дар тақвими ҷашнвораҳои кишвар ҷойгоҳ доранд, тағйирот ворид шуд, ки он асосан ба эҳёи фазои миллӣ ва рӯҳияи тоҷикӣ равона шудааст. Масалан, санаи 5 май дар даврони Шуравӣ ҳамчун Рӯзи матбуот ба шарафи нашри шумораи аввали рӯзномаи «Правда» таҷлил мешуд. Бо фарорасии даврони соҳибистиқлолӣ ин рӯз боқӣ монд, вале санаи таҷлил ба 11 март, яъне рӯзи нашри аввалин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои Шариф», интиқол ёфт. Ҳамин гуна таҷлилҳо барои дигар рӯзҳои касбӣ низ ба вуҷуд омад, масалан, Рӯзи табибон ба рӯзи таваллуди Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино мутобиқ гардонида шуд.

Яке аз ҷашнҳои дигари таърихӣ, ки асоси мустаҳкаме дар таҳкими истиқлолияти миллӣ гузошт, таҷлили Рӯзи забони тоҷикӣ мебошад. Соли 1989 бо ташаббуси як гурӯҳи зиёиёни тоҷик, аз ҷумла Муҳаммадҷон Шакурӣ, Лоиқ Шералӣ ва Акбари Турсунзод, забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Дар натиҷа, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни «Дар бораи забони тоҷикӣ»-ро қабул намуд ва санаи 22 июл ҳамчун Рӯзи забон муайян карда шуд.

Соли 2008 бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, таҷлили 1150-солагии устод Рӯдакӣ ба таҷлили забони тоҷикӣ ҳамзамон омехта

шуд ва ба бузургдошти забон саҳифаи нави таърихӣ бахшид. Ин таҷлил зарурати таҳияи Қонуни нави забон-ро ба миён овард ва баъд аз тақрибан 20 сол қонуни нав қабул шуд. Забон ҳамчун рукни асосии давлатдорӣ ва пойдории ваҳдат ва ягонагии миллӣ нақши калидӣ дорад. Омӯзиши таърихи давлатдорӣ шаҳодат медиҳад, ки ниёгони мо барои устувории давлатдорӣ ва густариши фарҳанг аз қудрати забон истифода бурдаанд.

Забони модарӣ ҳамчун мероси беназир, ки баъди талошҳои зиёди таърихӣ ва хисоротҳои ҷиддӣ ба мо расидааст, барои рушди маънавӣ ва тарбияи ҷомеа нақши муассир дорад. Ҳанӯз соли 1989 Шӯрои Олии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дод ва соли 2009 қонуни мазкур баъди таҳрир ва муҳокимаи коршиносон боз тасвиб гардид [7]. Соли 2009 санаи 5 октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ эълон шуд.

Дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ таҷлили солҳои бузургдошти шахсиятҳои барҷаста ва рӯйдодҳои таърихӣ ба анъана табдил ёфт. Аз ҷумла: 680-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, 675-солагии Шайх Камоли Хуҷандӣ, 90-солагии академик Бобоҷон Ғафуров, 1100-солагии давлати Сомониён, 800-солагии Умари Хайём, 2700-солагии китоби муқаддаси Авасто, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 1150-солагии устод Рӯдакӣ, 3000-солагии Ҳисор, 5500-солагии Саразми бостон ва дигар санаҳои бузургдошти миллӣ [3].

Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон асри XXI-ро асри фарҳанги сулҳ унвон карда, таъкид менамоянд: «Фарҳанги сулҳ талқин менамояд, ки бо интиҳои қарни XX ба ҳамагуна ҷангу хунрезиҳо хотима гузорем ва ба асри XXI таҳти парчами сулҳ ворид гардем» [8, с.10].

Дар замони соҳибистиқлолӣ ҷашнҳои миллӣ ва маросимҳо се равишро гирифтанд:

1. Ба вуҷуд омадани ҷашнвораҳои нави давлатӣ вобаста ба сиёсати давлат ва муносибатҳои ҷорӣ;
2. Эҳёи ҷашну маросимҳои миллии пешина;
3. Муносиб гардонидани ҷашнҳои мавҷуда ба фазои фарҳанги миллӣ ва тафаккури мардуми тоҷик.

**Натиҷаҳои тадқиқот.**

Дар асоси таҳқиқоти анҷомёфта чунин натиҷаҳо ба даст омаданд:

-Дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ ҷашнҳои миллӣ ва анъанаҳои қадимаи мардуми тоҷик, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон, дубора эҳё гардида, ба сатҳи расмӣ бардошта шуданд. Ин раванд ба эҳёи худшиносии миллӣ ва таҳкими арзишҳои фарҳангии ҷомеа мусоидат намуд.

- Ҷашнҳои дорои таърихи даврони Шӯравӣ бо мазмуну хусусиятҳои нав ғанӣ гардонида шуданд. Аз ҷумла, таҷлили 8 март ҳамчун Рӯзи Модар ба фазои фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонбинии ҷомеаи тоҷик мувофиқ гардонида шуд.

- Дар давраи истиқлолият як қатор ҷашнҳои нав, аз ҷумла Рӯзи Истиқлолият, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Рӯзи Парчам ва Рӯзи Конститутсия ва ғ. ба вуҷуд омаданд, ки ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ мусоидат мекунанд.

-Тибқи мазмун ва доираи фарогирӣ, ҷашнҳо ба чор гурӯҳ — миллӣ, давлатӣ, мазҳабӣ ва хонаводагӣ тақсим мешаванд. Ҳар гурӯҳ дар рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши мушаххас дорад.

- Ҷашнҳо дар баробари аҳамияти фарҳангӣ, василаи муҳими сиёсати давлатӣ мебошанд. Онҳо ба таҳкими ҳамбастагии миллӣ, боло бурдани ҳувияти давлатӣ ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ хизмат мекунанд (мисол, шомил шудани Наврӯз ба феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО).

**Хулоса.** Ҳамин тавр, марҳилаи соҳибистиқлолӣ ба давраи нави ташаккули ҷашнҳои миллӣ ва давлатӣ ворид гардид. Дар ин давра бархе аз ҷашнҳои бегонаи даврони Шуравӣ аз

байн рафтанд, эҳёи ҷашнҳои миллӣ аз сар гирифта шуд ва ҳамзамон ҷашнҳои нав, ки бо соҳибистиқлолии кишвар пайванди қавӣ доранд, ба вуҷуд омаданд. Ин ҷашнҳо зода ва парвардаи марҳилаи нави таърихии давлатдории тоҷикон мебошанд.

Дар марҳилаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ ва давлатӣ се равишро гирифтанд: эҳёи суннатҳои қадима, навсозии ҷашнҳои мавҷуда ва пайдоиши ҷашнҳои нав, ки ҳама ба таҳкими худшиносӣ ва давлатдорӣ мусоидат мекунанд. Ҷашнҳо дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ нақши муҳим мебозанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ҷашнҳо дар даврони истиқлолият на танҳо мероси фарҳангӣ, балки воситаи муҳимми сиёсати давлатӣ ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошанд.

Ҳамзамон, таҳқиқот нишон дод, ки ҷашнҳо ва маросимҳо вобаста ба мазмун ва доираи фарогирӣ ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд: миллӣ, давлатӣ, мазҳабӣ ва хонаводагӣ. Ҳар як гурӯҳ дар ҳаёти маънавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа вазифаи хоссаи худро иҷро менамояд. Ҷашнҳои хонаводагӣ (гаҳворабандон, хатнасур, тӯи арӯсӣ ва ғ.) аҳаммияти тарбиявӣ ва иҷтимоӣ дошта, ҳамчун мероси зиндаи фарҳангии мардум идома мeёбанд.

Дар замони истиқлол таҷлили бузургдошти шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, инчунин санаҳои муҳими миллӣ ба як анъана табдил ёфт. Ин раванд на танҳо ба арҷгузории гузаштагон, балки ба муаррифии фарҳанги тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот собит карданд, ки мақсади асосии кор – муайян кардани хусусиятҳо ва аҳаммияти сиёсиву фарҳангии ҷашнҳо ва маросимҳо дар даврони истиқлолият – амалӣ гардидааст. Фарзияи таҳқиқот низ дуруст баромад, зеро ҷашнҳо ва маросимҳо воқеан ба унвони абзори муҳими сиёсати давлатӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳувияти давлатӣ хизмат мекунанд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он аст, ки он саҳми муайян дар омӯзиши масъалаҳои фарҳангшиносӣ, сиёсати фарҳангӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, заминаи илмиро барои таҳқиқоти минбаъда фароҳам меорад.

Самтҳои минбаъдаи таҳқиқот метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

- таҳлили қиёсӣ байни ҷашнҳои миллӣ ва давлатӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ;
- омӯзиши нақши ҷашнҳо дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ;
- таҳқиқи таъсири ҷашнҳо ба рушди сайёҳӣ ва иқтисоди фарҳангӣ;
- баррасии ҷойгоҳи ҷашнҳо дар сиёсатҳои фарҳангии давлат ва таъсири онҳо ба муносибатҳои байналмилалӣ.

Ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ ва давлатӣ дар марҳилаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба унвони падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ нақши назаррас бозида, таҳқиқи онҳо барои рушди минбаъдаи илмҳои таърих, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва сиёсати давлатӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Асадуллоев Р. Шарифов М.Заминаҳо ва зарурияти қабулгардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон. //Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон: аҳамият ва мавқеъҳои асосии он" –Душанбе, 2005.-С.48-69*
2. *Закон Республики Таджикистан «О праздничных днях» //http://www.majlisimilli.tj/public/useқfiles/95/6. О праздничных днях.doc (Санаи муроҷиат: 30.10.2021).*
3. *Официальные праздники в Таджикистане //http://www.advantouқ.com/қus/tajikistan/holidays.htm(Санаи муроҷиат: 30.10.2021).*

4. *Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди саиди Фитр, 18 сентябри соли 2009// https://www.jumhuriyat.tj/indeҷ.php?aқt_id=3090 (Санаи муроҷиат: 30.10.2021).*
5. *Праздник "Нооруз" включен в список ЮНЕСКО как культурное наследие человечества // http://forum eurasica.ru/indeҷ.php?/topic/ 2999 (Санаи муроҷиат: 30.10.2021).*
6. *Расулзода Қоҳир. Донишҷӯ ва пешоҳанги ҷомеа будан масъулияти бузург аст // Соли санҷишҳои ҷиддӣ / Қоҳир Расулзода. – Хуҷанд: Хуросон, 2008. – С. 64-65.*
7. *Раҳмон Эмомалӣ. Ҷавонон ояндаи миллат (Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони лаёқатманд)// Ҷумҳурият, 23 майи соли 1998.*
8. *Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.*
9. *Турсунов Н., Шарипов М. Ҷашни оташафрӯзӣ дар миёни сармову гармои сол. /Сада огози соли ориёист / Н. Турсунов, М. Шарипов. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 164-167.*
10. *Юлдашев А. В Таджикистане отмечают День флага / А. Юлдашев // http:// www.toptj. com/News/ 2009/11/24/v_ tadzhikistane_otmechayut_ den_flaga (Санаи муроҷиат: 30.10.2021).*
11. *Юсуфбекова З., Шовалиева М. Меҳргон–ҷашни гузаштагони мо / З. Юсуфбекова, М. Шовалиева // https://institute-history.tj/tj/node/391 (Санаи муроҷиат: 20.08.2025).*
12. *https://www.google.com/search? – (Дата обращения: 25.08.2025).*

**REFERENCES:**

1. *Asadulloev, R., & Sharifov, M. (2005). Foundations and Necessity of the Adoption of the Law of the Republic of Tajikistan on Youth and State Youth Policy, its Significance and Main Positions. The Law of the Republic of Tajikistan "On Youth and State Youth Policy" (pp. 48-69). Dushanbe [in Tajik].*
2. *Law of the Republic of Tajikistan "On Holidays". http://www.majlisimilli.tj/public/usefiles/95/6. (date of appeal: 30.10.2021).*
3. *Qohir, Rasulzoda. (2008). Being a student and a leader of society is a great responsibility. In: Year of Serious Tests (PP. 64-65). Khujand: Khuroson .*
4. *Official holidays in Tajikistan http://www.advantour.com/rus/tajikistan/holidays.htm (date of appeal: 30.10.2021).*
5. *Congratulatory message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon on the occasion of Eid al-Fitr, September 18, 2009. https://www.jumhuriyat.tj/index.php?act_id=3090 (date of appeal: 30.10.2021).*
6. *The holiday "Navruz" is included in the UNESCO list as a cultural heritage of humanity. http://forum.eurasica.ru/index.php?/topic/2999 (date of appeal: 30.10.2021).*
7. *Tursunov, N., Sharipov, M. (2021). The festival of fire in the midst of cold and heat of the year. In: Sada is the beginning of the Aryan year (PP. 164-167). Khujand: Noshir.*
8. *Emomali, Rahmon. (1998, May 23). Youth are the future of the nation (Speech at a meeting with talented youth). Jumhuriyat.*
9. *Rahmonov, Emomali. (2002). Tajiks in the mirror of history. Dushanbe: Irfon. 128 pp.*
10. *Yuldashev, A. (2009, November 24). Tajikistan celebrates Flag Day. http://www.toptj.com/News/2009/11/24/vtadzhikistaneotmechayutden_flaga (date of appeal: 30.10.2021).*
11. *Yusufbekova, Z., Shovalieva, M. Mehrgon - the festival of our ancestors https://institute-history.tj/tj/node/391 (date of appeal: 20.08.2025).*
12. *[Google Search]. https://www.google.com/search? (Accessed: 25.08.2025). Note: This is a general search query and ideally should be replaced with a specific URL if possible.*